# ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМИИ ПӮШИДАИ «СПИТАМЕН БОНК»

**Ҳисоботи молиявӣ,**
барои соле, ки дар санаи 31 декабри соли 2023 анҷом ёфтааст

**ва ҳисоботи аудиторони мустақил**

## ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМИИ ПӮШИДАИ «СПИТАМЕН БОНК»

### МУНДАРИҶА


| | |
|---|---|
| | **Саҳ.** |
| ТАЪКИДИ РОҲБАРИЯТ ДАР БОРАИ МАСЪУЛИЯТИ ТАҲИЯ ВА ТАСДИҚИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ | 2 |
| ҲИСОБОТИ АУДИТОРОНИ МУСТАҚИЛ | 3-8 |
| ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ, БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023 АНҶОМ ЁФТААСТ | |
| Ҳисобот дар бораи фоида ё зарар ва даромади дигари муштарак | 9 |
| Ҳисобот дар бораи вазъи молиявӣ | 10 |
| Ҳисобот дар бораи тағъирёбии сармоя | 11 |
| Ҳисобот дар бораи гардиши воситаҳои пулӣ | 12-13 |
| Эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ | 14-69 |


Ҳисоботи молиявӣ бо пули миллӣ пешниҳод гардидааст – бо ҳазор Сомонӣ.

## ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМИИ ПӮШИДАИ «СПИТАМЕН БОНК»

### ТАЪКИДИ РОҲБАРИЯТ ДАР БОРАИ МАСЪУЛИЯТИ ТАҲИЯ ВА ТАСДИҚИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023 АНҶОМ ЁФТААСТ

Роҳбарияти Бонк барои таҳияи ҳисоботи молиявӣ, ки эътимоднокии тамоми ҷанбаҳои вазъияти молиявӣ, натиҷаи фаъолият, гардиши маблағ ва тағйирот дар сармояи Бонк тайи соли анҷомёфтаи 31 декабри соли 2023-ро мутобиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд чун СБҲМ зикр мегардад) инъикос менамояд, масъул мебошад.

Ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявӣ роҳбарият масъулияти амалҳои зеринро бар ӯҳда доранд:

- интихоби усулҳои муносиби баҳисобгирии муҳосибавӣ ва истифодаи мунтазами онҳо;
- пешниҳоди иттилоот, аз ҷумла сиёсати баҳисобгирӣ дар шакле, ки мувофиқ, боэътимод, муқоисашаванда ва фаҳмо будани ин маълумотро таъмин менамояд;
- риоя кардани талаботи СБҲМ ва шарҳ додани тамоми ҳолатҳои берунравӣ аз меъёрҳои СБҲМ дар эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ;
- таҳия намудани ҳисоботи молиявӣ бо назардошти ин эҳтимолият, ки Бонк дар оянда фаъолияти худро идома хоҳад дод, ба истисноии мавридҳое, ки чунин эҳтимол ғайриқонунӣ бошад.

Роҳбарият ҳамчунон барои амалҳои зерин масъул аст:

- тарҳрезӣ, амалисозӣ ва таъмини фаъолияти самарабахш ва боэътимоди низоми назорати дохилии Бонк;
- дастгирӣ ва ҳифзи ҳисобдорӣ, ки имконият медиҳад дар ҳар лаҳза ба таври дақиқ маълумот дар бораи вазъияти молиявии Бонк омода шавад ва мутобиқати ҳисоботи молиявӣ бо талаботҳои СБҲМ таъмин карда шавад;
- ба роҳ мондани ҳисобдорӣ мутобиқи қонунгузорӣ ва стандартҳои ҳисобдории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дар чорчӯбаи салоҳияти худ андешидани чораҳо барои ҳифзи дороиҳои Бонк;
- ошкор ва ҷилавгирӣ намудани ҳодисаҳои қаллобӣ, иштибоҳ ва дигар сӯиистифодаҳо.

Ҳисоботи молиявии мазкур барои соле, ки 31 декабри соли 2023 анҷом ёфтааст, аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳҳомон 15 марти соли 2024 тасдиқ гардидааст.

**Аз номи роҳбарияти Бонк:**

| | |
|---|---|
| **Самандарзода Навруз**<br>**Раиси Бонк** | **Гуламадшоев Рашид**<br>**Сармуҳосиб** |
| 15 марти соли 2024 | 15 марти соли 2024 |

Crowe - ACG
Member of Crowe Global

45, Mirzo Tursunzoda St.,
Business Center "Poytaht",
2nd floor, office 300, Dushanbe,
Tajikistan
+ 992 (44) 640 41 41 Tel
+ 992 (44) 640 51 51 Tel
www.crowe.tj

**ҲИСОБОТИ АУДИТОРОНИ МУСТАҚИЛ**

Ба Иштирокчиён ва Шӯрои Нозирони Ҷамъияти саҳҳомии пӯшидаи «Спитамен Бонк»:

***Хулоса***

Мо аудити ҳисоботи молиявии Ҷамъияти саҳҳомии пӯшидаи «Спитамен Бонк» (минбаъд - *Бонк*)-ро, ки аз ҳисобот оиди вазъияти молиявӣ ба санаи 31 декабри соли 2023, ҳисобот оиди фоида ва зарар, ҳисобот оиди даромади маҷмуӣ, ҳисобот оиди тағирот дар ҳайати воситаҳои худӣ, ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ барои соли 2023, инчунин тавзеҳот ба ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла шарҳи мухтасари қисмҳои асосии сиёсати ҳисобдорӣ иборат аст, баргузор намудем.

Ба ақидаи мо, ҳисоботи молиявии пешниҳодгашта ҳолати молиявии *Бонк* дар ҳама равандҳои назаррас ба санаи 31 декабри соли 2023, инчунин натиҷаҳои молиявӣ ва гардиши воситаҳои пулии онро дар соли 2023 дар мувофиқат бо стандартҳои байналмилалии СБҲМ эътимоднок инъикос менамояд.

***Асос барои баёни хулосаи аудиторӣ***

Мо аудитрон дар мувофиқат бо стандартҳои байналмилалии аудит (СБА) баргузор намудем. Ӯҳдадориҳои мо дар мувофиқат бо ин стандартҳо, минбаъд дар қисми «Масъулияти аудитор барои аудити ҳисоботи молиявӣ»-и хулосаи мо қайд гаштаанд. Мо дар алоқамандӣ бо *Бонк* дар мувофиқат бо Кодекси ахлоқии муҳосибони касбии Шӯро оид ба стандартҳои байналмилалии ахлоқӣ барои муҳосибон (Кодекси ШСБАМ) ва талаботҳои ахлоқии нисбат ба аудити ҳисоботи молиявии мо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодашаванда мустақил буда, ва аз ҷониби мо ӯҳдадориҳои дигари ахлоқӣ дар мувофиқат бо ин талаботҳо ва Кодекси ШСБАМ иҷро гаштаанд. Ба ақидаи мо, далелҳои аудитории аз ҷониби мо гирифташуда, барои истифода намудани онҳо ҳамчун асос барои баён намудани хулосаи мо кифоя ва қобили қабул мебошанд.

***Масъалаҳои муҳими аудит***

Масъалаҳои асосии аудит – ин масъалаҳое мебошанд, ки мувофиқи муҳокимаи касбии мо, барои аз ҷониби мо баргузор намудани аудити ҳисоботи молиявии давраи ҷорӣ нисбатан муҳимтар ба ҳисоб мерафтанд. Ин масъалаҳо ба таври ягона дар доираи аудити ҳисоботи молиявии мо, ва ҳангоми омода сохтани хулосаи мо оиди ин ҳисобот баррасӣ гардиданд, ва мо хулосаи алоҳидаро оиди ин масъалаҳо баён наменамоем. Шарҳи мо, оиди он ки ҳар як масъалаи дар поён қайдгашта, чӣ тавр дар рафти аудит баррасӣ гашта буд, дар ин доира оварда шудааст.

Мо ӯҳдадориҳои дар қисми «Масъулияти аудитор барои аудити ҳисоботи молиявӣ»-и хулосаи мо шарҳ додашударо, аз ҷумла дар алоқамандӣ ба ин масъалаҳо иҷро намудем. Мутобиқан, аудити мо иҷроиши расмиёти барои баҳодиҳии хавфҳои ба таври назаррас таҳриф гаштани ҳисоботи молиявӣ коркардгаштаро, дар бар мегирифт. Натиҷаҳои расмиётҳои аудитории мо, аз ҷумла расмиётҳои дар рафти баррасии масъалаҳои дар поён қайдгашта иҷро гашта, ҳамчун асос барои баён намудани хулосаи аудитории мо оид ба ҳисоботи молиявии замимагашта хизмат менамоянд.

Натиҷаҳои расмиёти аудити мо, аз ҷумла расмиёти ҳангоми баррасии масъалаҳои дар поён овардашуда, барои хулосаи аудиторӣ оид ба ҳисоботи молиявии замимашуда асос мебошанд.



Crowe Global is a leading international organization of separate and independent accounting and consulting firms that may be licensed to use "Crowe" in connection with the provision of accounting, auditing, tax, consulting or other professional services to their clients. Crowe Global itself is a non-practicing entity, and does not provide professional services in its own right. Neither Crowe Global nor any member is liable or responsible for the professional services performed by any other member.

Crowe - ACG
Member of Crowe Global

45, Mirzo Tursunzoda St.,
Business Center "Poytaht",
2nd floor, office 300, Dushanbe,
Tajikistan
+ 992 (44) 640 41 41 Tel
+ 992 (44) 640 51 51 Tel
www.crowe.tj

| Масъалаи асосии аудит | Масъалаи мазкур дар рафти баргузории аудити мо чӣ тавр мавриди баррасӣ қарор гирифта буд |
|---|---|
| ***Беқурбшавии қарзҳо ва пешпардохтҳо ба мизоҷон, инчунин захираҳои ҳатмии характери қарзӣ дошта*** | |
| Дар алоқамандӣ бо назаррас будани қарзҳо ва пешпардохтҳо ба мизоҷон ва уҳдадориҳои характери қарзӣ дошта, инчунин дар алоқамандӣ бо номуайянии ба пардохти онҳо хосбуда, ҳисобкунии захира оид ба беқурбшавӣ ва захираҳо оид ба уҳдадориҳои характери қарзӣ дошта, яке аз масъалаҳои асосии аудит ба шумор меравад.<br><br>Барои саривақт муайян намудани беқурбшавии қарзҳо ва пешпардохтҳо ба мизоҷон, инчунин барои эътироф намудани захира оид ба ӯҳдадориҳои характери қарзӣ дошта муҳокимаҳои назаррас заруранд.<br><br>Ҳисобкунии захира оид ба беқурбшавии қарзҳо, ки ба таври коллективӣ баҳогузорӣ мешавад, истифодаи усули моделикунонии қарзиро бо истифодаи маълумотҳо ва омилҳои назарраси мушоҳиданашаванда, чун низоми дохилии додани рейтингҳо, инчунин имконияти руй додани дефолт ва сатҳи зарари имконпазирро пешбинӣ менамояд.<br><br>Барои ҳисобкунии захира оид ба беқурбшавии қарзҳо ва захира оид ба ӯҳдадориҳои характери қарзӣ дошта, ки ба таври алоҳида баҳогузорӣ мешаванд, баргузор намудани баҳодиҳии эҳтимолияти пардохти онҳо, ки ба маълумотҳои назарраси мушоҳиданашаванда, чун нишондиҳандаҳои молиявии контрагентҳо, гирдишҳои оядаи пешбинишавандаи маблағҳо, арзиши таъминот ва ғайра, асос ёфтаанд, зарур аст. Истифодаи усулҳои дигари моделикунонӣ ва имкониятҳо метавонист, ки ба натиҷаҳои тамоман дигар оварда расонад.<br><br>Маълумот оиди беқурбшавии қарзҳо ва пешпардохтҳои мизоҷон, инчунин оиди ӯҳдадориҳои характери қарзӣ дошта, дар Тавзеҳот оиди қарзҳо оварда шудааст. | Дар рафти аудит мо диққати махсусро ба масъалаҳои зерин додем:<br>► муҳокимаи роҳбарият дар алоқамандӣ бо ошкор гаштани ҳолатҳои қарзҳои назарраси ба мизоҷони корпоративӣ додашуда ва ӯҳдадориҳои характери қарзӣ дошта;<br>► пешбинии гардиши оядаи маблағҳо, аз ҷумла гардишҳои пулие, ки сарчашмаҳои онҳо таъминот оид ба қарзҳо ва уҳдадориҳои характери қарзӣ дошта буда, онҳо дорои нишонаҳои паст гаштани сифати қарзӣ мебошанд;<br>► усулҳо ва имкониятҳои, барои ба таври коллективӣ муайян сохтани беқурбшавии қарзҳо истифодагашта.<br><br>Дар доираи расмиёти аудитории мо, мо усулҳоеро баррасӣ намудем, ки *Бонк* барои ошкор намудани ҳолатҳои беқурбшавӣ ва ҳисобкунии захира оид ба беқурбшавӣ ва захираҳои характери қарзӣ дошта истифода намудааст. Расмиёти аудитории аз ҷониби мо иҷрогашта, инчунин санҷиши интихобӣ оид ба саривақт муайян намудани нишонаҳои беқурбшавиро дар бар гирифт. Барои қарзҳои назарраси интихобгашта, ки буқурбшавии онҳо ба таври алоҳида баҳогузорӣ мешаванд, мо санҷиши имкониятҳоро дар алоқамандӣ бо пешбинии гардиши оядаи маблағҳо, аз ҷумла арзиши таъминот гузарондем. Барои ба таври коллективӣ таҳлил намудани беқурбшавӣ, мо санҷиши интихобии усулҳои қарзии ба чунин ҳисобкунии беқурбшавӣ асосёбанда, маълумотҳои асосии ниҳоӣ ва имкониятҳои истифодашударо гузарондем. Мо ҳамчунин, мутобиқати маълумотҳо дар алоқамандӣ бо захира оид ба беқурбшавӣ ва захираҳо оид ба уҳдадориҳои характери қарзӣ дошта, ки дар ҳисоботи молиявии *Бонк,* мувофиқ ба талаботҳои СБҲМ, ифшо гаштааст, таҳлил намудем. |



Crowe Global is a leading international organization of separate and independent accounting and consulting firms that may be licensed to use "Crowe" in connection with the provision of accounting, auditing, tax, consulting or other professional services to their clients. Crowe Global itself is a non-practicing entity, and does not provide professional services in its own right. Neither Crowe Global nor any member is liable or responsible for the professional services performed by any other member.

Crowe - ACG
Member of Crowe Global

45, Mirzo Tursunzoda St.,
Business Center "Poytaht",
2nd floor, office 300, Dushanbe, Tajikistan
+ 992 (44) 640 41 41 Tel
+ 992 (44) 640 51 51 Tel
www.crowe.tj

***Дигар маълумотҳое, ки дар Ҳисоботи Солонаи Бонк барои соли 2023 фаро гирифта шудаанд***

Дигар маълумотҳо, маълумотеро дар бар мегирад, ки дар ҳисоботи солонаи *Бонк* барои соли 2023 (минбаъд – «Ҳисоботи солона») оварда шудааст, вале ҳисоботи молиявӣ ва хулосаи аудитории мо онро фаро намегирад. Масъулиятро барои дигар маълумотҳо роҳбарият бар дӯш дорад. Ҳисоботи солона, тахмин меравад, ки ба мо пас аз санаи хулосаи аудитории мазкур пешниҳод карда мешавад. Хулосаи мо оиди ҳисоботи молиявӣ, дигар маълумотҳоро дар бар намегирад ва мо хулосаи инъикоскунандаи боварӣ ба маълумоти мазкурро пешниҳод нахоҳем кард.

Дар алоқамандӣ бо баргузор намудани аудити ҳисоботи молиявӣ, ӯҳдадории мо аз шиносоӣ бо дигар маълумотҳои дар боло қайд гашта, дар вақти пешниҳод гаштани онҳо, ва ҳамзамон баррасӣ намудани масъала оиди ҷой доштани номувофиқатии назаррас миёни дигар маълумотҳо ва ҳисоботи молиявӣ ва ё фаҳмише, ки мо дар рафти аудит гирифтем, ва таҳрифи назаррас надоштани дигар маълумотҳо иборат аст.

***Масъулияти роҳбарият барои ҳисоботи молиявӣ***

Роҳбарият барои омодасозӣ ва пешниҳоди эътимодноки ҳисоботи молиявии қайдгашта дар мутобиқат бо СБҲМ ва барои ҳамаи низоми назорати дохилӣ, ки роҳбарият барои омода сохтани ҳисоботи молиявии дар натиҷаи амалҳои бевиҷдонона ё хатогиҳо таҳриф нагашта зарур мешуморад, масъулият бар дӯш дорад.

Ҳангоми омодасозии ҳисоботи молиявӣ, роҳбарият масъулиятро барои баҳодиҳии қобилияти *Бонк* барои бефосила идома додани фаъолияти худ, барои дар ҳолатҳои муайян ифшо сохтани маълумотҳои ба бефосилагии фаъолият алоқаманд буда, ва омода сохтани ҳисобот бо такя ба тавсифи бефосилагии фаъолият, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки роҳбарият нияти барҳамдиҳии *Бонк*, қатъ намудани фаъолияти он, ё дар вақти алтернативаи воқеӣ ба чунин амалҳо надоштани он, бар дӯш дорад.

***Масъулияти аудиторҳо барои аудити ҳисоботи молиявӣ***

Мақсади мо гирифтани итминони оқилона оиди он ки, ҳисоботи молиявӣ ба таври умумӣ дорои таҳрифҳои назаррас, ки дар натиҷаи амалҳои бевиҷдонона ё хатогиҳо сар задаанд, ва дар омодасозии хулосаи аудиторӣ, ки ақидаи моро дар бар мегирад, намебошад. Итминони оқилона, сатҳи баланди итминонро дар бар мегирад. Вале он кафолатро оиди он ки аудити мувофиқи СБА баргузор намуда, ҳамеша дар сурати ҷой доштан таҳрифҳои назаррас, онро ошкор менамояд, дода наметавонад. Таҳрифҳо метавонанд, ки натиҷаи амалҳои бевиҷдонона ё хатогиҳо бошанд, ва назаррас ҳисобида мешаванд, агар ба таври асоснок пешбинӣ кардан мумкин бошад, ки онҳо ба таври алоҳида ва ё дар якҷоягӣ метавонанд, ки ба қабули қарорҳои иқтисодии истифодабарандагон, ки бо такя ба ин ҳисоботҳои молиявӣ қабул мешаванд, таъсир мерасонанд.

Дар доираи аудити дар мувофиқат бо СБА баргузоршаванда, мо муҳокимаи касбиро истифода намуда ва нобоварии касбиро дар тамоми давраи аудит нигоҳ медорем. Ғайр аз ин мо корҳои зеринро анҷом медиҳем:

- хавфҳои дар натиҷаи амалҳои бевиҷдонона ва хатогиҳо сарзадаро ошкор ва баҳогузорӣ менамоем; барои ҳалли ин хавфҳо расмиёти аудиториро коркард ва баргузор менамоем; далелҳои аудиториро, ки барои истифода намудани онҳо ҳамчун асос барои баён намудани хулосаи мо кифоя ва қобили қабул мебошанд, мегирем. Хавфи ошкор нагардидани таҳрифи назарраси дар натиҷаи амалҳои бевиҷдонона ба вуҷуд омада, аз хавфи ошкор гаштани таҳрифи дар натиҷаи хатогиҳо ба вуҷуд омада баландтар аст, чунки амалҳои бевиҷдонона метавонанд, ки созиши пешакӣ, сохтакорӣ, ҳамроҳнанамоии барқасдона, пешниҳоди маълумоти таҳрифшуда ё берун аз низоми назорати дохилӣ амал намуданро дар бар гиранд;
- дарки низоми назорати дохилиро, ки барои аудит аҳамиятнок аст, бо мақсади коркарди расмиётҳои аудитории ба ҳолатҳо мувофиқбуда, вале на ба мақсади иброз доштани нуқтаи назар оиди самаранокии низоми назорати дохилии *Бонк* мегирем;
- характери мутобиқати сиёсати ҳисобдории истифодашаванда ва асоснокии баҳогузориҳои муҳосибии роҳбарият ва ифшосозии иттилооти мувофиқро баҳогузорӣ менамоем;



Crowe Global is a leading international organization of separate and independent accounting and consulting firms that may be licensed to use "Crowe" in connection with the provision of accounting, auditing, tax, consulting or other professional services to their clients. Crowe Global itself is a non-practicing entity, and does not provide professional services in its own right. Neither Crowe Global nor any member is liable or responsible for the professional services performed by any other member.

45, Mirzo Tursunzoda St.,
Business Center "Poytaht",
2nd floor, office 300, Dushanbe,
Tajikistan
+ 992 (44) 640 41 41 Tel
+ 992 (44) 640 51 51 Tel
www.crowe.tj

***Масъулияти аудиторҳо барои аудити ҳисоботи молиявӣ (идома)***

- оиди қонунӣ будани аз ҷониби роҳбарият истифода гаштани пешбинӣ оиди бефосилагии фаъолият хулосабарорӣ менамоем, ва, дар асоси далелҳои аудитории дарёфтгардида, оиди он ки номуайянии назаррас дар алоқамандӣ бо руйдодҳо ва шароитҳое, ки метавонанд, номуайянии назаррасро дар қобилияти *Бонк* барои бефосила идома додани фаъолияти худ ба миён оранд, хулоса мебарорем. Агар мо ба хулосае оем, ки номуайянии назаррас ҷой дорад, пас мо бояд дар хулосаи аудиториамон диққатро ба ифшои муносиби маълумот ҷалб намоем, ё агар чунин ифшосозии маълумот қобили қабул набошад, хулосаи хешро тағир диҳем. Хулосаҳои мо, ба далелҳои аудитории то санаи хулосаи аудитории мо, асос ёфтаанд. Аммо руйдодҳо ва шароитҳои минбаъда, метавонанд, ба аз ҷониби *Бонк* аз даст додани қобилият барои бефосила идома додани фаъолият оварда расонанд;
- баҳодиҳии пешниҳод гаштани ҳисоботи молиявиро ба таври умум мегузаронем, сохторҳо ва мухтавои он, аз ҷумла ифшосозии маълумот, яъне оё ҳисоботи молиявӣ дурустии амалиётҳо ва руйдодҳои ба он асосёфтаро тавре пешниҳод менамояд, ки пешниҳоди боэътимоди онҳоро таъмин намояд;
- далелҳои кофии қобили қабулро дар алоқамандӣ бо маълумоти молиявии ташкилотҳо ва фаъолияти хоҷагидорӣ дар дохили *Бонк*, барои баён намудани хулоса оиди ҳисоботдиҳии молиявӣ дарёфт менамоем. Мо барои роҳбарии умумӣ, назорат ва баргузорнамоии аудити *Бонк* ҷавобгар ҳастем. Мо барои хулосаи аудиториамон шахсан ҷавобгар ҳастем.
- Мо бо роҳбарият ҳамкории иттилотӣ намуда, ба самъи у, ғайр аз маълумотҳои дигар, маълумотро оид ба ҳаҷм ва мӯҳлати аудит, ҳамчунин маълумотро оиди мушоҳидаҳои назаррас, вобаста ба натиҷаҳои аудит, ҳамчунин оиди камбудиҳои назарраси низоми назорати дохилӣ, агар онҳо дар рафти аудит ошкор карда шаванд, пешниҳод менамоем.
- Мо ҳамчунин ба роҳбарият аризаро оиди аз ҷониби мо риоя гаштани ҳамаи талаботҳои ахлоқии дахлдор дар муносибат бо мустақилиятро пешниҳод намуда, ва ба ӯ оиди ҳамаи муносибатҳои тарафайн ва дигар масъалаҳое, ки асос барои расонидани таъсир ба мустақилияти аудитор шумурдан мумкин аст, ва дар ҳолатҳои зарурӣ оиди чораҳои дахлдори эҳтиётӣ иттилоъ медиҳем.
- аз он масъалаҳое, ки мо ба самъи роҳбарият расонидем, мо масъалаҳоеро муайян месозем, ки барои аудити ҳисоботи молиявии давраи ҷорӣ, нисбатан назаррас, яъне масъалаҳои асосии аудит мебошанд. Мо ин масъалаҳоро дар хулосаи аудиториамон шарҳ медиҳем, ғайр аз ҳолатҳое, ки ифшои оммавии маълумот оиди ин масъалаҳо аз ҷониби қонун ё санади меъёрӣ манъ карда шудааст, ё дар ҳолатҳои азҳад кам мо ба хулоса меоем, ки маълумот оиди ягон хел масъала набояд дар хулосаи мо инъикос гардад, чунки оқилона пешбинӣ намудан мумкин аст, ки оқибатҳои манфии хабар додани чунин маълумот зиёдтар аз фоида аз иттилоъи он ба ҷамъият мебошад.

***Ҳисобот оиди натиҷаҳои санҷиши мутобиқи талаботҳои моддаи 45, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи 2009 с., №524 «Оиди фаъолияти бонкӣ» анҷом додашуда***

Роҳбарияти *Бонк* барои аз ҷониби *Бонк* иҷро гаштани меъёрҳои мақбули аз ҷониби Бонки Миллии Тоҷикистон (минбаъд дар матн - БМТ) муқаррар гашта, ҳамчунин мувофиқати назорати дохилӣ ва ташкили низоми идоракунии хавфҳои *Бонк*, бо талаботҳои БМТ барои чунин низомҳо, масъулиятро бар дӯш дорад.

Мутобиқи талаботҳои моддаи 45, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи 2009 с., №524 «Оиди фаъолияти бонкӣ» (минбаъд - “Қонун”) анҷом додашуда, дар рафти аудити ҳисоботи молиявии *Бонк* барои соли 2023 мо санҷиши зеринро гузарондем:

1) Санҷиши иҷроиши меъёрҳои мақбули аз ҷониби БМТ муайянгашта ба санаи 1 январи 2024 сол;

2) Санҷиши мутобиқати назорати дохилӣ ва ташкили низоми идоракунии хавфҳои *Бонк* ба талаботҳои аз ҷониби БМТ ба чунин низомҳо пешниҳодшаванда дар қисми:

- зерҳисобии воҳидҳои идоракунии хавфҳо;
- дар *Бонк* мавҷуд будани усулҳои аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори *Бонк* тасдиқшуда, идоракунии хавфҳои барои *Бонк* назаррасбуда, амалӣ намудани стресс-санҷиш, мавҷуд будани низомҳои ҳисоботдиҳӣ доир ба хавфҳои барои *Бонк* назаррас ва сармоя;



Crowe Global is a leading international organization of separate and independent accounting and consulting firms that may be licensed to use “Crowe” in connection with the provision of accounting, auditing, tax, consulting or other professional services to their clients. Crowe Global itself is a non-practicing entity, and does not provide professional services in its own right. Neither Crowe Global nor any member is liable or responsible for the professional services performed by any other member.

***Ҳисобот оиди натиҷаҳои санҷиши мутобиқи талаботҳои моддаи 45, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи 2009 с., №524 «Оиди фаъолияти бонкӣ» анҷом додашуда (идома)***

- пайдарҳамии дар *Бонк* истифода гаштани усулҳои идоракунии хавфҳои барои *Бонк* назаррасбуда ва баҳогузории самаранокии онҳо;
- назорат бурдан аз болои риоя гаштани нишондиҳандаҳои хавфҳо ва кифоягии воситаҳои худӣ (сармоя), самаранокии расмиёти дар *Бонк* истифодашавандаи идоракунии хавфҳо ва пайдарҳамии истифодаи онҳо аз ҷониби Шӯрои Нозирон ва мақомоти иҷроияи идоракунии *Бонк*.

Санҷиши қайдгашта чунин расмиётҳои дар асоси муҳокимаи мо интихобшуда, аз қабили дархостҳо, таҳлил, омӯзиши ҳуҷҷатҳо, муқоисаи талаботҳои аз ҷониби *Бонк* тасдиқ гардида, тартиб ва усулҳо бо талаботҳои аз ҷониби БМТ дархостшуда, инчунин бозҳисоб, муқоиса ва санҷиши нишондиҳандаҳои воҳидӣ ва маълумоти дигарро дар бар гирифт.

***Мутобиқати назорати дохилӣ ва ташкили низоми идоракунии хавфҳои Бонк ба талаботҳои аз ҷониби БМТ барои чунин низомҳо муайянгашта***

- Мо муайян намудем, ки мутобиқи санадҳои меъёрӣ ва тавсияҳои БМТ ба санаи 31 декабри соли 2023, хадамоти аудити дохилии *Бонк* ба Шӯрои Нозирон зертобеъ ва зерҳисоб мебошад, шахсони масъул нисбати идоракунии хавфҳои *Бонк* бошад, ба шахсони масъул нисбати хавфҳои дахлдорро пазиранда зертобеъ ва зерҳисоб мебошад (Шӯрои Нозирон).
- Мо муайян намудем, ки ҳуҷҷатҳои дохилии *Бонк*, ки ба санаи 31 декабри соли 2023 амал менамоянд, усули муайян намудани хавфҳои қарзӣ, амалиётӣ, стратегӣ, хавфи фоизи бонкӣ ва хавфи талаф додани пардохтпазириро муқаррар намуда, идоракунии ин хавфҳо ва анҷом додани стресс-санҷиш аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори *Бонк* дар мутобиқат бо санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва тавсияҳои БМТ сурат мегирад. Мо ҳамчунин ба санаи 31 декабри соли 2023, мавҷуд будани низомҳои ҳисоботдиҳӣ доир ба хавфҳои барои *Бонк* назарраси қарзӣ, амалиётӣ, стратегӣ, хавфи фоизӣ ва хавфи талаф додани пардохтпазӣ ва воситаҳои худии (сармоя) *Бонкро* муайян намудем.
- Мо муайян намудем, ки даврагӣ ва пайдарҳамии ҳисоботҳои аз ҷониби шахсони масъул нисбати идоракунии хавфҳо ва хадамоти аудити дохилии *Бонк* дар соли 2023, доир ба масъалаҳои идоракунии хавфҳои қарзӣ, амалиётӣ, стратегӣ, хавфи фоизи бонкӣ ва хавфи талаф додани пардохтпазирии *Бонк* омода кардашуда мутобиқат ба ҳуҷҷатҳои дохилии *Бонк* доштанд, ва ҳисоботҳои қайдгашта ҳамчунин мушоҳидаҳои аз тарафи шахсони масъул нисбати идоракунии хавфҳо ва хадамоти аудити дохилии *Бонк*, вобаста ба баҳодиҳии самаранокии усулҳои дахлдори *Бонк* оид дар идоракунии хавфҳо анҷом додашударо дар бар мегирифтанд.
- Мо муайян намудем, ки ба санаи 31 декабри соли 2023, назорат аз болои риояи нишондиҳандаҳои ниҳоии хавфҳо ва кифояти воситаҳои худӣ (сармоя) ба салоҳияти Шӯрои Нозирон ва мақомотҳои иҷроияи идоракунии *Бонк* вогузор шуда буд. Бо мақсади анҷом додани назорати самаранокии расмиётҳои дар *Бонк* истифодашавандаи идоракунии хавфҳо ва пайдарҳамии истифодаи онҳо дар соли 2023 Шӯрои Нозирон ва мақомотҳои иҷроияи идоракунии *Бонк* ҳисоботҳои аз ҷониби шахсони масъул нисбати идоракунии хавфҳо ва хадамоти аудити дохилии *Бонк* омодагаштаро давра ба давра баррасӣ менамуданд.

Расмиётҳо нисбат ба назорати дохилӣ ва ташкили низомҳои идоракунии хавфҳо, аз ҷониби мо танҳо барои мақсадҳои санҷиши мутобиқати элементҳои дар боло қайдшудаи назорати дохилӣ ва ташкили низомҳои идоракунии хавфҳои *Бонк* бо Қонун ва бо талаботҳои аз ҷониби БМТ муқарраргашта гузаронида шуданд.



Crowe Global is a leading international organization of separate and independent accounting and consulting firms that may be licensed to use "Crowe" in connection with the provision of accounting, auditing, tax, consulting or other professional services to their clients. Crowe Global itself is a non-practicing entity, and does not provide professional services in its own right. Neither Crowe Global nor any member is liable or responsible for the professional services performed by any other member.

Crowe - ACG
Member of Crowe Global

45, Mirzo Tursunzoda St.,
Business Center "Poytaht",
2nd floor, office 300, Dushanbe,
Tajikistan
+ 992 (44) 640 41 41 Tel
+ 992 (44) 640 51 51 Tel
www.crowe.tj

Роҳбаре, ки барои гузаронидани аудит масъул буд, ва дар натиҷа ҳисоботи аудитории мазкури аудиторони мустақил нашр карда – Садриддин Шарифов/Шарик ва Аудитори Тахассусдоштаи таҷрибадор, шаҳодатномаи тахассусии № 0000065, ки аз тарафи Бонки Миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Рахимбек Акрамов

Аудитор / Роҳбари Идоракунанда

ҶДММ "Кроу - Хорват ЭйСиҶӣ"

15-юми марти соли 2024

Иҷозатномаи давлатӣ барои машғулшавӣ бо фаъолияти аудиторӣ дар соҳаи бонкӣ, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон: силсилаи 0000149, аз ҷониби Бонки Миллии Тоҷикистон дар санани 28 январи соли 2022 дода шуда.

Иҷозатномаи давлатӣ барои машғулшавӣ бо фаъолияти аудиторӣ дар бахши умумӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон: силсилаи 000164, аз ҷониби Вазорати Молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санаи 29 октябри соли 2021 дода шуда.

Шаҳодатномаи тахассусии аудитори Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Вазорати Молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон № 0000335 дар санаи 11 апрели соли 2019 дода шуда.

Шаҳодатномаи тахассусии аудитори Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Бонки Миллии Тоҷикистон № 58 дар санаи 8 январи соли 2014 дода шуда.



Crowe Global is a leading international organization of separate and independent accounting and consulting firms that may be licensed to use "Crowe" in connection with the provision of accounting, auditing, tax, consulting or other professional services to their clients. Crowe Global itself is a non-practicing entity, and does not provide professional services in its own right. Neither Crowe Global nor any member is liable or responsible for the professional services performed by any other member.

## ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ФОИДА Ё ЗАРАР ВА ДАРОМАДИ ДИГАРИ МУШТАРАК БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023 АНҶОМ ЁФТААСТ

*(бо ҳазор Сомонӣ)*

| | Эзоҳ | Барои соле, ки 31 декабри соли 2023 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| Даромадҳои фоизӣ | 27 | 160,198 | 117,104 |
| Хароҷотҳои фоизӣ | 27 | (106,547) | (74,324) |
| ***Даромади софи фоизӣ*** | | ***53,651*** | ***42,780*** |
| Даромадҳои комиссионӣ | 28 | 46,844 | 36,193 |
| Хароҷотҳои комиссионӣ | 28 | (26,470) | (27,447) |
| ***Даромади софи комиссионӣ*** | | ***20,373*** | ***8,746*** |
| (Ташаккул)/барқарорсозии захираҳои талафоти қарзии имконпазир | 29 | (8,450) | (121,620) |
| Даромади соф аз рӯи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 30 | 79,113 | 211,482 |
| Дигар даромадҳо (хароҷотҳо) | 31 | 6,917 | 5,068 |
| **ДАРОМАДҲОИ АМАЛИЁТӢ** | | **151,604** | **146,456** |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | 32 | (125,183) | (96,805) |
| **ФОИДАИ АМАЛИЁТӢ ТО ЗАХИРАҲО БАРОИ АМАЛИЁТҲОИ ДИГАР** | | **26,421** | **49,651** |
| Барқарорсозии/(ташаккул) захираҳо барои беқурбшавии амалиётҳои дигар | 29 | 1,273 | (1,772) |
| **ФОИДА ТО АНДОЗ АЗ ФОИДА** | | **27,694** | **47,879** |
| Хароҷоти андоз аз фоида | 33 | (7,734) | (6,320) |
| **ФОИДА ДАР ДАВОМИ СОЛ** | | **19,960** | **41,559** |

**Аз номи роҳбарияти Бонк:**

**Самандарзода Навруз**
**Раиси Бонк**

15 марти соли 2024

**Гуламадшоев Рашид**
**Сармуҳосиб**

15 марти соли 2024

Эзоҳоти дар саҳифаҳои 14-69 овардашуда қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 3-8 оварда шудааст.

## ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ БА ҲОЛАТИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023

*(бо ҳазор Сомонӣ)*

| | Эзоҳ | Ба 31 декабри соли 2023 | Ба 31 декабри соли 2022 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пулӣ дар хазина ва банкоматҳо | 8 | 434,802 | 519,254 |
| Тилло | 9 | 73 | 59 |
| Маблағҳо дар бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявӣ | 10 | 277,695 | 117,291 |
| Дороиҳои молиявие, ки тавассути фоида ё зиён бо арзиши одилона баҳодиҳӣ шудаанд | 11 | 59,252 | 29,415 |
| Қарзҳои ба мизоҷон додашуда | 12 | 860,237 | 561,952 |
| Дороиҳои дарозмуддат, ки барои фурӯш нигоҳ дошта мешаванд | 13 | (1,054) | 1,675 |
| Қоғазҳои қиматноки сармоягузорӣ | 14 | 81 | 64 |
| Воситаҳои асосӣ | 15 | 63,078 | 48,633 |
| Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ | 16 | 9,000 | 9,836 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 17 | 23,877 | 14,522 |
| Дороиҳои андозии мавқуфгузошташуда | 33 | 1,057 | 1,705 |
| Дороиҳои дигар | 18 | 77,556 | 68,672 |
| **ҲАМАГӢ ДОРОИҲО** | | **1,805,654** | **1,373,078** |
| **ӮҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | | |
| **Ӯҳдадориҳо** | | | |
| Маблағҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ | 19 | 77,054 | 37,029 |
| Ӯҳдадориҳои молиявие, ки тавассути фоида ё зиён бо арзиши одилона баҳодиҳӣ шудаанд | 20 | 59,414 | 29,679 |
| Воситаҳои мизоҷон | 21 | 816,042 | 509,598 |
| Маблағҳои қарзӣ | 22 | 555,369 | 562,749 |
| Қарзҳои Субординарӣ | 23 | 39,446 | 37,206 |
| Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора | 16 | 9,835 | 8,521 |
| Даромади татбиқнашуда | 24 | 51 | 197 |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 25 | 82,524 | 43,855 |
| **Ҳамагӣ ӯҳдадориҳо** | | **1,639,734** | **1,228,834** |
| **Сармоя** | | | |
| Сармояи оинномавӣ | 26 | 80,182 | 80,182 |
| Захираи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ | | 4,966 | 4,966 |
| Дигар захираҳо | | 19,633 | 19,633 |
| Фоидаи тақсимнашуда | | 61,139 | 39,463 |
| **Ҳамагӣ сармоя** | | **165,920** | **144,244** |
| **ҲАМАГӢ ӮҲДАДАРИҲО ВА САРМОЯ** | | **1,805,654** | **1,373,078** |

**Аз номи роҳбарияти Бонк:**

**Самандарзода Навруз**
**Раиси Бонк**

15 марти соли 2024

**Гуламадшоев Рашид**
**Сармуҳосиб**

15 марти соли 2024

Эзоҳоти дар саҳифаҳои 14-69 овардашуда қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 3-8 оварда шудааст.

## ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ТАҒЪИРЁБИИ САРМОЯ
## БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023 АНҶОМ ЁФТААСТ
*(бо ҳазор Сомонӣ)*

| | Сармояи оинномавӣ | Захираи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ | Захираҳои дигар | Фоидаи тақсимнашуда | Ҳамагӣ сармоя |
|---|---|---|---|---|---|
| ***Бақия ба 31 декабри соли 2021*** | ***80,182*** | ***5,339*** | ***14,032*** | ***3,669*** | ***103,222*** |
| Тасҳеҳи бақияи аввала | - | - | - | (537) | *(537)* |
| Интиқол додани азнавбаҳодиҳӣ ба фоидаи тақсимнашуда | - | (373) | - | 373 | - |
| Пур кардани дигар захираҳо аз ҳисоби фоидаи тақсимнашуда | - | - | 5,601 | (5,601) | - |
| Фоида дар давра | - | - | - | 41,559 | *41,559* |
| ***Бақия ба 31 декабри соли 2022*** | ***80,182*** | ***4,966*** | ***19,633*** | ***39,463*** | ***144,244*** |
| Тасҳеҳи бақияи аввала | - | - | - | 1,716 | *1,716* |
| Интиқол додани азнавбаҳодиҳӣ ба фоидаи тақсимнашуда | - | - | - | - | - |
| Пур кардани дигар захираҳо аз ҳисоби фоидаи тақсимнашуда | - | - | - | - | - |
| Фоида дар давра | - | - | - | 19,960 | *19,960* |
| ***Бақия ба 31 декабри соли 2023*** | ***80,182*** | ***4,966*** | ***19,633*** | ***61,139*** | ***165,920*** |

**Аз номи роҳбарияти Бонк:**

**Самандарзода Навруз**
**Раиси Бонк**

15 марти соли 2024

**Гуламадшоев Рашид**
**Сармуҳосиб**

15 марти соли 2024

Эзоҳоти дар саҳифаҳои 14-69 овардашуда қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 3-8 оварда шудааст.

## ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023 АНҶОМ ЁФТААСТ
*(бо ҳазор Сомонӣ)*

| | Барои соле, ки 31 декабри соли 2023 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|
| **Гардиши воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | | |
| Фоида то андозбандӣ | 27,694 | 47,879 |
| Тасҳеҳот оиди: | | |
| Истеҳлоки воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ ва дороиҳои дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ | 17,073 | 9,321 |
| Тағйирот дар фоизҳои ҳисобшуда | 4,686 | 1,635 |
| Фоида/зарари амалинашуда аз муомилоти асъорӣ | 6,145 | (5,530) |
| Барқарорсозии захира барои талафоти қарзии имконпазир | (469) | 129,841 |
| Ташаккули захираҳо барои бекурбшавии амалиётҳои дигар | 7,646 | - |
| Зарар/фоида аз фурӯши дороиҳои дарозмуддат барои фурӯш | - | - |
| Зарар аз барҳам додани воситаҳои асосӣ | - | - |
| **Гардиши воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то тағйироти дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиётӣ** | **62,775** | **183,146** |
| **Тағйироти дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиётӣ** | | |
| *Афзоиш/камшавии дороиҳои амалиётӣ:* | | |
| Камшавӣ/афзоиши захираҳои ҳатмии БМТ | (11,579) | 4,170 |
| Афзоиш/камшавии маблағҳо дар бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявӣ | (31,721) | (60,702) |
| Афзоиши қарзҳо ба мизоҷон | (299,306) | (59,319) |
| Камшавӣ/афзоиши дигар дороиҳо | (40,015) | 25,217 |
| *Афзоиш/камшавии ӯҳдадориҳои амалиётӣ:* | | |
| Камшавӣ/афзоиши маблағҳо дар бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявӣ | 40,025 | (27,645) |
| Афзоиши воситаҳои мизоҷон | 306,444 | 30,366 |
| Камшавӣ/афзоиши дигар ӯҳдадориҳо | 59,774 | 30,832 |
| **Хориҷшавии воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то андозбандӣ** | **86,397** | **126,065** |
| Андоз аз фоидаи пардохтшуда | (7,835) | (5,489) |
| **Воридшавӣ/хориҷшавии воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ:** | **78,562** | **120,576** |

## ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ
## БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023 АНҶОМ ЁФТААСТ
*(бо ҳазор Сомонӣ)*

| | Барои соле, ки 31 декабри соли 2023 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|
| **Гардиши воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | | |
| Хариди воситаҳои асосӣ | (10,687) | (8,511) |
| Хариди дороиҳои ғайримоддӣ | (11,624) | - |
| Воридшавии маблағ аз фурӯши дороиҳои ғайримуомилотӣ, ки барои фурӯш пешбинӣ шудаанд | - | - |
| **Хориҷшавии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | **(22,311)** | **(8,511)** |
| **Гардиши воситаҳои пулӣ Аз фаъолияти молиявӣ** | | |
| Воридшавӣ/пардохти қарзи субординарӣ | (5,693) | (4,951) |
| Воридшавӣ аз қарзҳо | (7,380) | 118,190 |
| Пардохти ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора | (11,622) | (5,192) |
| **Воридоти софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ** | **(24,695)** | **108,047** |
| Таъсири тағйирёбии қурби асъори хориҷӣ ба бақияи воситаҳои пулӣ | (1,408) | 932 |
| **Воридшавӣ/(хориҷшавии) софи воситаҳои пулӣ** | **30,148** | **221,044** |
| **Воситаҳои пулӣ дар аввали сол** | **611,201** | **390,157** |
| **Воситаҳои пулӣ дар охири сол** | **641,349** | **611,201** |

**Аз номи роҳбарияти Бонк:**

**Самандарзода Навруз**
**Раиси Бонк**

15 марти соли 2024

**Гуламадшоев Рашид**
**Сармуҳосиб**

15 марти соли 2024

Эзоҳоти дар саҳифаҳои 14-69 овардашуда қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 3-8 оварда шудааст.